# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Назар Бохруло дар мавзуи «Қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ. - Душанбе, 2023. – 168 саҳ.**

Таҳқиқи зиндагинома, мероси адабӣ ва таҳлили ашъори ғиноӣ ва маснавиҳои «афзали фузалои замон ва аълами уламои даврон» (Авҳадӣ) ва «ҳаками фозилони олам» (А. Навоӣ) Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ аз замони зиндагиаш шуруъ шуда, то кунун идома дорад. Паҳлуҳои гуногуни ашъори шоирро шогирдон ва ҳамасрони шоир Алишери Навоӣ, Давлатшоҳи Самарқандӣ, И. Исфизорӣ, Ҳусайни Козургоҳӣ, Биноӣ, Абдулвосеъи Низомӣ, Абдулғафури Лорӣ, муаррихон ва тазкиранигорони асрҳои ХУ-Х1Х, шореҳон ва соири дигар мавриди омӯзиш қарор дода, андешаҳои вижа баён кардаанд. Эҷодиёти адиб аз асри ХУШ дар шарқшиносии Аврупо боиси пажӯҳиши ҷиддӣ қарор гирифт.

Дар адабиётшиносии даврони Шӯравӣ ва давраи Истиқлолият дар мақолаву рисолаҳои муҳаққиқон, амсоли Е.Э. Бертельс, М. Турсунзода, А. Мирзоев, Б. Ғафуров, А. Н. Болдирев, Х. Мирзозода, А. Деҳотӣ, Ш. Ҳусейнзода, Д. И. Кобидзе, М. Раҷабов, А. Баҳоваддинов, Р. Ҳодизода, А. Афсаҳзод, С. Гулиев, Ш. Шомуҳаммадов, А. Сатторзода, А. Ҳикмат, Ш. Кадканӣ; Ҳ. Разӣ, А. Хуросонӣ, В. Элбоев ва соири дигар баъзе нуктаҳо ва паҳлуҳои осори А.Ҷомӣ таҳлилу баррасии худро пайдо кардаанд, ки ин нуктаҳо дар диссертатсияи Назар Бохруло як-як бозгӯӣ шудаанд. Зарур ба таъкид аст, ки роҷеъ ба масъалаҳои маҳорати шоирии Абдурраҳмони Ҷомӣ, бахусус нақш ва ҷойгоҳи қофияву радиф дар сохтори мундариҷавию шаклӣ ва савтии ғазалиёти шоир ҳанӯз ба таври ҷомеъ мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор нагирифтааст

Диссертатсияи Назар Бохруло «Қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ», ки маҳз ба таҳқиқи масъалаҳое, ки баён доштем, бахшида шуда, аз нигоҳи мавзуъ, масъалагузорӣ, баррасии масъалаҳои зиёди таҳқиқӣ, баҳсу талошҳои илмӣ ва натиҷагирӣ, воқеан, кори тоза ва дар сатҳи хуби илмӣ анҷомёфта буда, дар адабиётшиносии муосири тоҷикӣ саҳифаи нав аст.

Диссертатсияи Назар Бохруло **«Қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ»** аз муқаддима, се боб ва хулосаву китобнома иборат аст. Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ ва дар қисми тавсифи умумии таҳқиқ мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, асосҳои назарӣ,

методологӣ, сарчашмаҳо ва навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ ва тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ бо низоми муайян баён гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия ***«Н*азариёти абдурраҳмони ҷомӣ оид ба накш ва ҷойгоҳи қофия ва радиф дар шеър»** аз ду фасл иборат аст, ки дар ин боб масъалаҳои андешаҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ дар бораи қофия ва радиф ва «Рисолаи қофия»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ ва аҳаммияти назарию амалии он таҳлилу таҳқиқи илмӣ шудаанд. Ин боб ба навъе даромад ё ворид гардидан ба таҳқиқи масъалаҳои мубрамтари диссертатсия ба ҳисоб меравад, ки муҳаққиқ дар ин ҷо анвоъ ва хусусиятҳои жанрии ашъори Абдурраҳмони Ҷомиро муайян ва таҳлил карда, дар бобҳои навбатӣ ба пажӯҳиши масъалаҳои асосии диссертатсия пардохтааст.

Дар фасли аввал, ки **«Андешаҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ дар бораи қофия ва радиф»** унвон дорад, масъалаи назариёти адабии Абдурраҳмони Ҷомӣ дар бораи қофия ва радиф ва нақши онҳо дар ташаккул ва таҳаввули мундариҷавию сохторӣ ва моҳияти шеър дар заминаи андешаҳои назарӣ ва равишҳои амалии шоирон ва донишмандони пешинаи соҳа, ки шакл гирифта, ташаккул ва таҳаввул ёфтааст, мавриди таҳлил қарор медиҳад ва маълум мегардад, ки ӯ дар таҷрибаи назарӣ ва амалияш аз осори таърихию назарии пешгузаштагон ва муосиронаш огоҳона истифода бурдааст. Диссертант дар такя ба гуфтаҳои дигарон ба хулосае омадааст, ки "Абдурраҳмони Ҷомӣ дар осори манзумаш борҳо қофия ва радифро ҳамчун унсури муҳимми шеър ба шумор оварда, таъкид кардааст, ки агар вазн дар сохтори шеър «хилъати ноз» бошад, қофия нақшу нигори он буда, радиф «халхол»-и он аст" (саҳ.18). Аз ҳамин дидгоҳ А. Ҷомӣ истифодаи дурруту саҳеҳ ва ҳадафноки қофия ва радифро дар шеър боиси ифтихор ва маҳорати шоир медонад.

Абдурраҳмони Ҷомӣ дар масъалаи баҳо додан ба мавқеи қофия ва радиф дар шеър, ба хусус нақши он дар осори манзумаш қаноат накардааст, балки онро дар фасли дуюми диссертатсия-**«Рисолаи қофия»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ ва аҳаммияти назарию амалии он**"- рози пайвастагии шеъру қофия ва нақши он дар сохтори маъноиву шаклии шеърро боз ҳам ташаккул ва таҳаввул додааст. Маълум аст, ки Абдурраҳмони Ҷомӣ дар рисолаи мазкур, ки аз муқаддима, панҷ фасл ва хотима фароҳам омадааст, дар бораи илми қофия, моҳияти он ва радиф, ташреҳи ин ду унсури муҳимми шеър, дар бораи ҳуруфи қофия (равӣ, ридф, қайд, таъсис, дахил, васл, хуруҷ, мазид ва ноира), ҳаракоти қофия (рас, ишбоъ, ҳазв, тавҷеҳ, маҷро ва нафоз), навъҳои қофия (мутародиф,

мутавотир, мутадорик, мутарокиб ва мутаковис), анвои қофия вобаста ба ҳарфи равӣ (муқайяд, мутлақ ва муҷаррад), уюби қофия (иқво, икфо, синод ва ито) ва дар хотима қофияҳои маъмул ва ғайримаъмул андешаҳои назарӣ ва амалияшро баён кардааст. Диссертант дар такя ба рисолаи мазкур ва гуфтаи муҳаққиқон масъалаи нақши қофия ва радифро дар шеър ба таври муқоиса бо асарҳои назариячиёни гузашта ба таҳлил гирифта, бо мисолҳои мушаххас онҳор шарҳу тавзеҳ медиҳад. Дар натиҷа ба хулосаҳои мушаххас омада, зикр мекунад, ки "Назариёти Абдурраҳмони Ҷомӣ дар бораи қофия ва радиф дар заминаи таҷрибаҳои назарӣ ва амалии воқеияти ҳунарии ҳаёти адабии замони зиндагии шоир ба зуҳур омада, моҳияти афкори адабии ӯро муайян мекунад. Назариёти адабии ӯ оид ба қофия ва радиф зери таъсири вазъи адабию ҳунарӣ ва фарҳангии асри XV ба вуҷуд омада, бо андешаву орои гузаштагон алоқамандии бевосита доштааст ва дар бисёр мавридҳо онро такмил ҳам бахшидааст".

Боби дуюми диссертатсия **«Қофия ва нақши он дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ»** унвон дошта, аз се фасл фароҳам омадааст, ки ин ҷо муҳаққиқ масъалаҳои хусусиятҳои хосси қофияандешии Абдурраҳмони Ҷомӣ, сохти қофия ва унсурҳои шаклсози он дар ғазалиёти ӯ ва танаввуъи қофияи бадеӣ дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомиро ба таҳқиқ гирифтааст.

Муҳаққиқ дар фасли аввали ин боб хусусиятҳои хоси қофияандешии Абдурраҳмони Ҷомиро, ки доир ба он назару дидгоҳи хос дошта, аз ҷиҳати назарияву амалӣ вижагиҳои онро муайян мушаххас ва баҳогузорӣ кардааст, бо мисолҳо баррасӣ намудааст. Аз баррасии мавзуъ бармеояд, ки А. Ҷомӣ аз истифодаи қофияҳои камёбу хуб ҳадафҳои ғоявию мундариҷавӣ, ҳиссиву равонӣ, ваҳдати сохторӣ ва шаклсозӣ дошта, андешаҳои шоирро низом бахшидааст. Аз ҳамин нуқтаи назар муаллиф дар диссертатсия бо овардани мисол (саҳ. 50) мақому манзалати қофия ва радифро муайян намуда, зикр мекунад, ки "Дар ин ва бисёре аз ғазалҳои дигари Ҷомӣ қофия ҷиддият ва муҳиммии андешаи шоирро равшан намуда, навъи равони сифатии он вусъат ва таъсирбахшии шеърро таъмин кардааст, ки таҷрибаи нодир мебошад". Муаллиф баъди таҳлилу баррасии хусусиятҳои хоси қофияпардозиҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ дар ғазал мулоҳизаҳо ва натиҷабардорияҳояшро дар ҳашт (8) банд ҷамъбаст намудааст, ки воқеан аз лиҳози илмӣ асосноку муътамад аст.

Диссертант дар фасли дуюми боби дуюми диссертатсия, ки **"Сохти қофия ва унсурҳои шаклсози он дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ"** ном дорад, асосан масъалаи унсурҳои қофия дар ғазалиёти Ҷомӣ, ки сода ва суннатӣ буда, дар ғазалиёти Ҷомӣ ба ғайр аз нақши сохторсозӣ

(композитсия), ҳамчунин василаи эҷоди ҳамоҳангӣ дар ҷузъҳои шеър, ташхиси воҳидҳои шеър (байт ва банд), ваҳдати афкор, ҷазби маънӣ ва маъниофаринӣ, таносуб, ёрӣ дар ҳифзи шеърро муайян мекунад, ба таҳқиқ гирифтааст. Аз таҳлили ғазалиёти шоир бармеояд, ки дар қофиясозӣ ба вожаҳое такя кардааст, ки тавонистаанд бо ҳам қофия шаванд, амсоли ошкор, мадор, канор, бикор ва ғайра. Ҳамчунин зикр бояд намуд, ки сохтори қофияи ғазалҳои Ҷомӣ комил буда, шеърро таҳким мебахшад. Сохтори умумии шеър, ки нақши структурӣ доранд, ба василаи он ягонагӣ ва ваҳдати шакливу мундариҷавии шеърро таъмин мегардонад. Аз таҳлилу баррасии мавзуъ унвонҷӯй ба натиҷаи муҳим расидааст, ки "Ҷомӣ бо ғанои қофия ва сохтори хоссашон имтиёз дошта, шоир тавонистааст, сохтҳо ва унсурҳои гуногуни қофияро бо камоли маҳорат истифода кунад ва ба ин васила таносуби шакливу мундариҷавии ғазалро такмил бахшад" (саҳ. 109).

Фасли сеюми боби дувуми диссертатсия **«Танаввуъи қофияи бадеӣ дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ»** номгузорӣ шудааст, ки фасли ҷамъбастии боби дувум маҳсуб меёбад ва андешаҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ дар мавриди қофия ва анвои он, ки дар ғазалиёти шоир мақоми вижа дорад, бахшида шудааст. Таҳлилу баррасии ин фасл муаллифро ба хулосае овардааст, ки таҳқиқи қиёсии осори шоир нишон медиҳад, ки ӯ дар баробари ба кор бурдани қофияҳои анъанавӣ, дар мавридҳои зарурӣ аз қофияҳои бадеӣ низ истифода намудааст. Тавре бармеояд, қофияи бадеӣ маҳсули санъатҳои бадеист, ки дер боз дар ашъори шуарои гузашта истифода гардида, танаввуъ ёфта, ба ҳукми анъана даромадааст ва навъи санъатҳои бадеӣ бо қофия омезиш ёфта, дар ҷои қофия қарор гирифтанаш ба ҳунари шоир вобаста мебошад. Аммо маъмултарин санъатҳои бадеӣ, ки дар офаридани қофияи бадеӣ сабаб мешаванд, амсоли санъати таҷнис, зуқофиятайн, тарсеъ, тансиқуссифот ва монанди инҳо мебошанд. Аз ин шумор, дар ғазалиёти Ҷомӣ дар тавлиди қофияи бадеӣ санъати таҷнис ва баъзе навъҳои он иштирок кардааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Радиф ва таҳаввули он дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ»** аз ду фасл ва панҷ зерфасл таркиб ёфтааст. Дар боби мазкур масъалаҳои назари донишмандон роҷеъ ба хостгоҳи радиф, сохту таркиб ва ташаккулу таҳаввули радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ, анвои радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ, Радифҳои феълӣ дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ, Радифҳои исмӣ, масдарӣ, сифатӣ, ҷонишинӣ дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ, Радифҳои исмӣ, масдарӣ, сифатӣ, ҷонишинӣ дар ғазалиётиАбдурраҳмони Ҷомӣ, Вижагиҳои бадеию ҳунарии радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ ба таҳқиқ гирифта

шудаанд. Радиф аз унсурҳои дигари шеъри тоҷикӣ маҳсуб ёфта, дар каломи манзум нақши муҳимму созгор дорад.

Назариячиёни шеъри адабиёти классикӣ ва муҳаққиқони шеършиноси муосир дар бораи радиф ва мақому мавқеи он, таърифи он андешаву мулоҳизаҳои судманде баён кардаанд. Диссертант дар ин фасл танҳо назари Шамси Қайси Розӣ, Насируддини Тусӣ, Рашиди Ватвот, Абдурраҳмони Ҷомиро оид ба нақши радиф дар анвои шеърӣ таъкид намуда, бо чанд мисол иктифо намудааст.

Дар фасли "Анвои радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ", ки боз аз се зерфасл: радифҳои феълӣ, радифҳои исмӣ, масдарӣ, сифатӣ, ҷонишинӣ, радифҳои маъмулӣ ва ғайриодӣ дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ фароҳам оадааст, мавриди таҳлил қарор ёфтаанд. Муаллиф доир ба мавқеи ҳар кадоме аз ин радифҳо дар ашъори шоир, ки воқеан хеле фаровон истеъмол шудаанд, бо мисолҳои мушшаххас истифода ва корбурди онҳоро нишон дода, нишон медиҳад, ки навъҳои радиф дар ғазалиёти Ҷомӣ фаровон буда, онҳо бо содагӣ ва бепироягӣ ба шеъри шоир ҳусн бахшидаанд ва бо унсурҳои дигари байтҳои ғазал дарҳам омехта, таносуби сохторои ғазалро мустаҳкам сохтаанд. Унвонҷӯй дар зерфаслҳои ин фасл ҷой доштанан ва аз тарафи Ҷомӣ фаровон истифода шудани радифҳои: исмӣ, феълӣ, сифатӣ ва дигар ҳиссаҳои нутқро, ки воқеан дар ғазалиёти шоир фаровон истифода шудаанд, бо мисолҳои мушаххас таҳлилу баррасӣ намудааст.

Назар Бохруло дар фасли "Вижагиҳои бадеию ҳунарии радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ" аз навъҳои зиёди радиф бо истифода аз зарфиятҳои забонӣ, аз ҷумла эҷоди маънои маҷозӣ, киноявӣ ва истиоравии ҷадид дар таркиби калом ҳамаи хусусиятҳои радифро ифода карда тавонистани адибро ба таъкид қайд намуда, ба хулосае расидааст, ки "радиф дар корбурди Ҷомӣ, бахусус дар ғазалиёти ӯ калимаест, ки пеш аз қофия омада, аксаран дорои як маънӣ мебошад ва гоҳ-гоҳе ҷузве аз лафзе дигар ба шумор омада, дар бофти калом маънои маҷозӣ, истиорӣ ва киноии тоза ба вуҷуд меоварад, ки гувоҳи тавонмандӣ ва ҳунарписандии шоири бузург мебошад".

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар 12 банди мушаххас ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар 7 банди фишурда оварда шудаанд, ки бардошти хуби муҳаққиқ аз таҳқиқи мавзуи илмӣ мебошад.

Диссертатсияи дар мавзуи «Қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ» вобаста ба ҳадафу равиши таҳқиқ, методологияи таҳқиқ, масъалагузориҳо, шеваи таҳқиқ, баҳсҳои илмӣ, назари шахсии муаллиф ва натиҷагириҳо муҳассаноти зиёди илмӣ дорад.

Новобаста ба ин муваффақиятҳо баъзе ноҷӯриҳо дар диссертатсия ба назар расиданд, ки онҳоро баён медорем:

1. Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ хеле кашол ёфтааст, онро метавон дар ҳаҷми як ё якуним саҳифа кӯтоҳ намуд.
2. Дар дараҷаи омӯзиши мавзуъ ба андешаи мо муаллиф андешаеро пеш рондааст, ки ғалат менамояд: Ин донишманд (яъне А. Афсаҳзод-А.Х), бо такя ба андешаҳои назарии адабиётшиносони рус С. Наровчатов ва М. Исаковский дар боби нақш ва ҷойгоҳи қофияву радиф дар ғазалиёти се девони Ҷомӣ андешаҳояшро баён кардааст", сарчашмаи ин андеша ишора нашудааст.
3. Дар китобномаи диссертатсия мақола ё рисолаи С. Наровчатов ва М. Исаковский пайдо нашуд. Маълум мегардад, ки он андешаҳои диссертант дар ҳаво муаллақ аст.
4. Фасли аввали боби якуми диссертатсия "Андешаҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ дар бораи қофия ва радиф" таҳлили жарфи илмиро тақозо дорад.
5. Зерфаслҳои боби сеюми диссертатсияро бояд муттаҳид кард, онҳо аз як ё ду саҳифа иборатанд.
6. Дар фасли аввали боби сеюм назари донишмандон роҷеъ ба ба мавқеи радиф ба таври бояду шояд мариди таҳлил ва баррасӣ қарор нагирифтааст. Пажӯҳиш ва андешаи назариячиёни муосир роҷеъ ба радиф мавриди истифода қарор надорад.
7. Китобу мақолаҳои зиёди ҷомишиноси шинохтаи ҷаҳонӣ, профессор Аълохон Афсаҳзод, амсоли "Ҷомӣ-шоири ғазалсаро" ва ғайра сарфи назар шудааст.
8. Дар китобномаи диссертатсия (дар боло низ зикр шуд) адабиёти зарурии марбут ба мавзуъ берун мондааст.
9. Дар диссертатсия, дар баъзе саҳифаҳо ғалат навиштани калимаҳо, афтодани ҳарфҳо, нагузоштани аломатҳои китобат, такрори калимаҳо ба назар мерасанд.

Новобаста ба ин камбудҳо, ки баён доштем, Назар Бохруло дар се боби диссертатсия ҷанбаҳои назарӣ ва хусусиёти қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомиро бо фарогирии зиёди масъалаҳои илмӣ, бахусус ҳунари қофия ва радифсозии шоир дар адабиёти классикии асри XV аз нигоҳи методологияи илмӣ, банду басти проблемаҳо ва роҳҳои таҳқиқи он, ба равиши хуб ва забони фасеҳи илмӣ ба пажуҳиш гирифтааст.

Хулоса, диссертатсияи Назар Бохруло дар мавзуи «Қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Назар Бохруло муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертатсияи Назар Бохруло дар мавзуи «Қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илми филология, профессори
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ А. Худойдодов

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, кӯчаи Х. Мирзоев, гузаргоҳи 3, х.1
Тел.: +992 918691499
E-mail khudoidodov 1959@mail.ru
10 апрели соли 2023

Имзои профессор А. Худойдодовро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ А.Мустафозода
10 апрели соли 2023
Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел: +992 (37)224-13-83
E-mail: info@tgpu.tj.